**Тақриз**

**ба автореферати Рустамов Шуҳрат Рустамович дар мавзуи «Селексия доир ба тағирпазирӣ ва ирсияти генотипҳои намуди пахтаи Gossypium barbadense L. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихттисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба селексия ва тухмипарварии пахта олимони зиёде таҳқиқоти илмиро ба анҷом расонидаанд, ки оғози ин корҳо аз аввали солҳои асри гузашта буда, то имрӯз идома дорад. Мавзуи мазкур ба самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб буда, аз Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №658 аз 31 декабри соли 2008 тасдиқ карда шудааст, асос мегирад.

Мақсади кори диссертатсионии мазкур омӯзиши дараҷаи тағирпазирӣ ва ирсияти сифати технологии нах дар алоқамандӣ ба аломатҳои арзишноки навъҳои пахтаи маҳиннах вобаста волидайн, дар шароити водии Вахши вилояти Хатлон мебошад.

Унвонҷӯ Рустамов Ш.Р. вазифаҳои дар наздаш гузоштаи худро оид ба нақшаи дурагакунӣ, ки ба тағирпазирӣ ва ирсияти сифати технологии нах дар алоқамандӣ ба аломатҳои арзишноки навъҳои пахтаи маҳиннах вобаста аз волидайн, омӯзиши тағирёбии аломатҳои сифатии нах ва микдории дурагаҳои $F_1$, $F_2$, $F_3$, зудрасӣ ва ғайраро амалӣ намудааст.

Унвонҷӯ ирсияти аломатҳои сифатию технологии нах ва ҳосилнокию зудрасӣ, баромади нах вобаста ба хусусияти генетикии навъҳои пахтаи маҳиннахро омӯхта, аз рӯйи ин аломатҳо арзишнок растаниҳои беҳтарини волидайн ва генотипҳоро аз $F_2$ ва $F_3$ интихоб намудааст. Муаллиф дар асоси натиҷаҳои ба даст овардааш ба хулоса омада, тавсияҳоро барои истифода дар истеҳсолот пешниҳод кардааст.

Ҳамзамон, дар самти таҳқиқоти илмиаш дар маҷаллаҳои рӯйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ зиёда аз 11 мақолаи илмиро нашр намуда, онҳоро дар семинарҳои илмӣ, конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ба тасвиб расонидааст. Ба ин дастовардҳо нигоҳ накарда, дар авторе-

ферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ба онҳо мансубанд:

1. Дар номгӯйи ҷадвалҳо (№№3,4,5,6,7) мафҳуму ибораҳо нодуруст истифода карда шудаанд. Масалан, ҳосили пахтаи хом дар як растанӣ, ҷуфтикунии ҷуфт ва гардолудкунӣ бо омехтаи гарди гул, ҳосили то фарорасии хунукиҳо ва ғ.
2. Дар хулосаҳои №№ 4,5,6 ва 7 низ мафҳуму ибораҳо нодуруст истифода шудаанд ва ин бандҳо бояд хуб таҳрир карда мешуданд.
3. Дар матни автореферат: саҳ.4 (вазифаҳои таҳқиқот), саҳифаҳои 17 (сархати 3), 20 (сархатҳои 4-6) ҷумлаҳо таҳрир нашудаанд ва мафҳумҳо нофаҳмо навишта шудаанд.

Камбудиҳои мавҷуда хусусияти тавсиявӣ дошта, камбудиҳои имлоӣ мебошанд, ба мазмуну мундариҷаи рисола таъсири манфӣ расонида наметавонанд. Тадқиқотҳои Рустамов Ш.Р. вобаста ба мақсади гузоштааш кори ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои биологӣ
аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия
ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ,
профессори кафедраи пахтапарварӣ,
генетика, селексия ва тухмипарварии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур М.И. Исмоилов

Имзои М.И. Исмоиловро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Н.А. Абдуҳалимзода

"24" феврали соли 2024

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.
E- mail: m.i.ismoilov@mail.ru. Телефон: (992) 93 507 60 48